# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ**

Диссертатсияи номзадии Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии ман омода карда шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин унвонҷӯи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мерафт, ва ҳамзамон, дар вазифаи дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият менамуд.

Нуриддинзода С.Н. бо фармоиши сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми апрели соли 2023, № 255 ба ҳайси унвонҷуи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, таҳсил менамуд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2023, №7 мушаххас ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Муаллифи диссертатсия дар омода намудани «Роҳнамо оид ба ҳамкории милитсия бо ҷомеа» саҳми муаллифӣ дорад, ки айни замон воситаи таълимии мазкур дар раванди омӯзонидани курси таълимии «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа» дар факултетҳои дахлдори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Ҳамчунин, дар ҳайати ҳаммуалифӣ китоби дарсии «Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисмҳои умумӣ ва махсус)» ба нашр расонида шудааст, ки мавзуъҳои дахлдори самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳаққи муаллифии диссертант алоқаманд мебошанд. Китоби дарсӣ, воситаи таълимӣ ва мақолаҳои нашргардидида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии интишороти довталаб зиёда аз 5 ҷузъи чопӣ мебошанд.

Диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ба шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мутобиқат мекунад.

Навгонии таҳқиқоти диссертатсионии Нуриддинзода С.Н. дар 14 номгӯйи нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда коркард гардидаанд.

Дар ҷараёни омода намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ Нуриддинзода С.Н. худро аз ҷиҳати мусбат нишон дода, тамоми дастуру супоришҳо ва таклифҳоро оид ба мукаммал сохтани матни диссертатсия

пурра иҷро менамуд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, мукаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳо (натиҷаи назарсанҷӣ, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, лоиҳаҳо оид ба такмили қонунгузорӣ) иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсияро 271 саҳифа ташкил медиҳад.

Нуриддинзода С.Н. дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъро бо дарназардошти қабул ва амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ақидаҳои назариявии олимону мутахассисони миллӣ ва хориҷӣ асоснок намуда, мақсад, вазифа, объект, предмет, марҳила, макон ва давраи таҳқиқотро нишон додааст. Ҳамчунин, асосҳои назариявӣ, методологӣ, эмпирикӣ, навгонии илмии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсиониро тавсиф намудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» номгузорӣ шуда, ба таҳлили муайян намудани мафҳуми ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо оид ба ҳамкории МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бахшида шудааст.

Дар ин қисмати таҳқиқот хусусиятҳои ташаккулёбӣ, фаъолият ва нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар иҷрои вазифаҳои мақомоти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар муқовимат ба ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, зарурат оид ба муайян намудани низоми

субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти байни онҳо, давраҳои рушди асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо оид ба ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Аз натиҷаи баррасии хусусиятҳои ташкили ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таърифи муаллифии ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ коркард ва пешниҳод гардидааст.

Муаллиф муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии соҳавиро мавриди таҳлил қарор дода, пешниҳодҳои асоснокшударо ҷиҳати коркард ва такмили онҳо оид ба муайян намудани шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ манзур кардааст.

Боби дуюми диссертатсия ба мавзуи «Таҷрибаи амалии мақомоти корҳои дохилӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст, ки дар доираи он нақши мақомоти корҳои дохилӣ дар самти ташкили фаъолияти ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, шакл ва усулҳои ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва таҷрибаи мақомоти корҳои дохилии мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ баррасӣ гардидааст.

Аз ҳама нуктаи муҳимми баррасишавандаи масъаларо оид ба таҳқиқи боби мазкур ташкил ва такмили заминаҳои таълимӣ-методӣ ва роҳандозӣ оид ба зарурати ворид намудани курси махсуси таълимии «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа» дар факултетҳои дахлдори Академияи

ВКД ҶТ ба шумор меравад, ки диссертант ҳамчун аъзои гурӯҳи корӣ оид ба гузаронидани пурсишҳои сотсиологии аҳолӣ ва кормандони МКД дар минтақаҳо ва мониторинги афкори ҷамъиятӣ бо мақсади муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасони манфӣ ба ҳамкории милитсия бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо дарназардошти он омода намудани «Роҳнамои ҳамкории милитсия бо ҷомеа» иштирок намудааст. Дарвоқеъ, айни замон омӯзиши курси махсуси таълимии «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа» дар Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, «Роҳнамои ҳамкории милитсия бо ҷомеа» таҳия ва ба нашр расонида шудааст.

Диссертант оид ба тақвияти нақши МКД дар самти ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бахусус, оид ба ҳимояи иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ аз ҷониби МКД ҳарф зада, қабул намудани лоиҳаи Низомнома дар бораи тартиби суғуртаи шахсии ҳатмии аъзоёни дастёрони ихтиёрӣ ва ҷуброни зарари ба саломатӣ ва молу мулки онҳо расонидашударо зарур ва саривақтӣ медонад, ки лоиҳаи он коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Аз нигоҳи муаллиф, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ собит менамояд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни шакл ва усулҳои ҳамкории МКД бо ҷомеа ҳамчун амали мутақобилаи ду ҷониб дар намудҳои меъёр-самти фаъолият, меъёр-принсип, меъёр-вазифа, меъёр-шакли ҳамкорӣ, меъёр-усули ҳамкорӣ ва ғайра пешбинӣ мегардад. Пешниҳод мегардад, ки ба Қонун «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» дар қисмати меъёрҳои танзимкунандаи шаклҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеа тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шавад. Пешниҳод ба тағйирот бояд шаклҳои ҳамкории милитсия бо ҷомеаро дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бо истифодаи усул ва воситаҳои ошкоро ва ғайриошкоро, барасмиятдарории шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, самти фаъолият, ҳайат

(аъзогӣ), таъиноти функсионалӣ, мазмуни вазифаҳо ва тартиби иҷрои онҳо ва ҷузъиёти ҳифзиҳуқуқӣ дар бар гирад.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба фаъолияти шуроҳои ҷамъиятии назди МКД, инчунин, ҷиҳати намояндагии манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷомеа дар муҳокима ва қабули қарорҳо дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудани Қонун «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ дар назди мақомоти давлатӣ» зарур ва саривақтӣ эътироф гардидааст.

Нуриддинзода С.Н. дар раванди таҳқиқот ба хулосае меояд, ки ҳисоботдиҳии МКД дар назди аҳолӣ ва назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсия усулҳои ҳамкории мутақобилаи байни милитсия ва ҷомеа мебошанд. Аз ин рӯ, таърифи муаллифии ҳисоботдиҳии МКД дар байни аҳолӣ коркард ва пешниҳод гардида, пешбинӣ намудани масъалаи назорати ҷамъиятии фаъолияти милитсияро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» зарур мешуморад.

Дар ин қисмати таҳқиқот, ҳамчунин таҷрибаи мақомоти корҳои дохилии мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва хусусиятҳои тавсифкунандаи моделҳои политсияи давлатҳои хориҷӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуда, пешниҳодҳо оид ба мувофиқкунонии истифодаи баъзе аз ин таҷриба дар шароити имрӯзаи фаъолият ва фаъолияти ояндаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия масъалаи самтҳои мукаммалсозии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ баррасӣ гардидааст. Дар доираи таҳқиқи боби мазкур бо дарназардошти таҳлили ҷамъбастии зербобҳои боби якум ва дуюми диссертатсия асоснокӣ ва лоиҳаҳои муаллифии тағйиру иловаҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳои ҷамъиятии самти ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, коркард ва пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаҳои муаллифии коркард ва пешниҳодшуда зарурат оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи милитсия», «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Низомномаи дастёрони ихтиёрӣ дар бар гирифтааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои манзургардида натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиро тавсиф намудаанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зерқонунӣ, адабиёти илмӣ, таълимӣ ва тафсирии истифодашуда мувофиқ ба мавзуи таҳқиқшаванда буда, истинодҳои овардашуда пешниҳодҳои илмиро тақвият мебахшанд ва мувофиқ ба мақсад истифода шудаанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионӣ аслан дар доираи омӯзиш ва таҳлили ду марҳилаи асосии ислоҳоти расмии милитсияи давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне муҳтавои асосии Барномаи ислоҳоти (рушди) милитсия барои солҳои 2014-2020 ва Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 анҷом дода шуда, на танҳо барои таҳқиқоти илмӣ, балки барои таҳкими амалияи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва истифодаи натиҷаҳои он дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти қонунгузории кишвар аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли

2021, №267 тасдиқ гардидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ҷавобгӯй буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон,
генерал-полковники милитсия Раҳимзода Р.Ҳ.

01. 12. 2025